# ХУЛОСАИ

комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6DKAO-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович дар мавзӯи "Аносири жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи "Бухорои шариф", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10-журналистика пешниҳод шудааст.

аз 1 апрели соли 2020 ш. Душанбе

Аъзоёни комиссияи ташхис диссертатсияи номзадии Атоев Муҳаммадиқбол Имомудиновичро дар мавзӯи "Аносири жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи "Бухорои шариф" муҳокима намуда, ба чунин натиҷа расиданд.

Диссертатсия таҳқиқи унсурҳои жанрӣ, вижагиҳои шаклию ороишӣ, қолабҳои эҷодӣ ва хусусиятҳои ғоявию мундариҷавии нахустрӯзномаи тоҷикии "Бухорои шариф"-ро фаро гирифтааст. Дар он зина ба зина қолаби муайяни эҷодӣ пайдо намудани жанрҳои хабарӣ, таҳлилӣ ва публитсистию бадеӣ муайян гардида, хусусиятҳои мавзӯиву мундариҷавӣ, вижагиҳои эҷодӣ, ҳунари нигорандагӣ ва умуман шаклгирии қолабҳои эҷоди публитсистӣ дар рӯзномаи "Бухорои шариф" таҳқиқу таҳлил шудааст.

Диссертант ҳангоми омӯзиш ва таҳқиқи мавзӯъ имкон пайдо намудааст, ки доир ба заминаҳои пайдоиши нахустрӯзномаи тоҷикӣ, вазъи сиёсию идеологии замони Аморати Бухоро, таҳоҷумоти фарҳангию ақидавӣ, таҳмили ғояҳои шовинистӣ ба афкори миллати тоҷик, марому мақсади муассисон, муҳаррирон ва муаллифони рӯзномаро мушаххас намуда, ғояи аслии маводи публитсистии ҷарида, мавзӯъҳои эҷодӣ, хитобаи муаллифон ва проблеманокии масъалаҳои эҷодиро аз нигоҳи илмӣ ташхис диҳад. Инчунин мавқеи асосии нашрия ва ҳайати муассисони онро дар ростои таърихситезии аҷнабиён мушаххас намуда, маълумоти амиқи илмӣ ҳосил намояд. Ин шакли масъалагузорӣ аҳаммияти мавзӯи диссертатсия ва таҳқиқи онро бозгӯ мекунад.

Навгонии илмии таҳқиқро бо он асоснок карда метавонем, ки масъалаи унсурҳои жанрӣ ва шаклгирии жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи "Бухорои шариф" дар илми журналистикаи тоҷик то имрӯз мавриди омӯзишу таҳқиқи диссертатсионӣ қарор нагирифтааст. Дар

диссертатсия бори нахуст саъй шудааст, ки доир ба масъалаи ташаккули жанрҳои публитсистӣ дар нахустрӯзномаи тоҷикии "Бухорои шариф" пажӯҳиши мукаммал ба анҷом расад.

Диссертант дар таҳқиқи мавзӯъ аз 150 шумораи электронии рӯзномаи "Бухорои шариф", осори илмию адабии муҳаққиқони соҳа ва нашрияҳои даврӣ истифода кардааст.

Пажӯҳиши мавзӯъ дар такя ба методҳои маърифати назарӣ ва амалии таҳқиқ – таҳлили муқоисавӣ, мушоҳида ва хулосабарориҳои мантиқӣ шакл гирифтааст. Осори назарии донишмандони ватаниву хориҷӣ ба мисли Е. Прохоров, В. Учёнова, М. Черепахов, В. Ворошилов, М. Ким, А. Тертичный, И. Усмонов, А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, П. Гулмуродзода, Ҷ. Саъдуллоев, А. Азимов, М. Муродов, Ҷ. Муқимов, М. Абдуллозода, Н. Солеҳов, Ш. Муллоев, С. Хоҷазод ва дигарон сохтори методологии таҳқиқро таъмин намудааст.

Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ дар ду боб ва 6 фасл тасниф шуда, дар маҷмӯъ ҷанбаҳои гуногуни масъаларо фаро гирифтааст.

Диссертатсия арзиши баланди назариявӣ ва амалӣ дошта, барои таҳқиқи масоили таърих ва ташаккули жанрҳои журналистикаи тоҷик судманд аст. Он метавонад ҷанбаҳои таърихӣ ва назарии журналистикаро нисбатан пурра гардонида, барои таҳқиқотҳои ояндаи ин соҳа ҳамчун манобеи илмӣ истифода гардад.

## Хулоса

1. Диссертатсияи Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович дар мавзӯи "Аносири жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи "Бухорои шариф" кори илмии анҷомёфта буда, мундариҷаи он ба ихтисоси 10.01.10 – журналистика, ки шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 ба ҳимоя иҷозат медиҳад, мувофиқат мекунад.
2. Мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф (6 адад), ки 5 адади он дар маҷаллаҳои илмии ба номгӯи нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомилгардида чоп шудааст, мазмуни асосии рисоларо инъикос мекунанд. Ҳаҷми умумии корҳои интишоршуда 2 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.
3. Автореферат ба талаботи кори илмӣ мувофиқ буда, мазмуну муҳтавои диссертатсияро фаро гирифтааст.

**4.** Диссертатсияи Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович барои ҳимоя ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 пешниҳод карда шавад.

**5.** Ба ҳайси муқарризони расмӣ муҳаққиқони зерин, ки корҳои илмию таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.01.10-журналистика мувофиқат *мекунанд,* тавсия карда *шаванд:*

**Муллоев Шариф Боқиевич** – доктори илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи ВАО-и чопӣ ва PR – и Донишгоҳи (славянии) Россияву Тоҷикистон.

**Маъмурзода Носирҷон Маъмур** – номзади илмҳои филологӣ, мудири Шуъбаи иттилоотию таҳлилии Дастгоҳи раиси вилояти Хатлон.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдулоҳи Рӯдакӣ ҳамчун муассисаи пешбар тавсия карда шавад.

Раиси комиссяи ташхис:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ А. Азимов

Аъзои комиссияи ташхис:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ Ҷ. Садуллоев

доктори илмҳои филологӣ, профессор
узви Шӯрои диссертатсионӣ М. Абдуллозода